ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Нақши иммунизатсия дар тақвиятбахшии солимии кӯдакон

(дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ/тибби оилавӣ)

Душанбе – 2017

Дастури методии мазкур аз ҷониби Муассисаҳои давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ», «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» ва «Маркази ҷумҳуриявии иммунизатсия» дар доираи фаъолият таҳия карда шудааст.

Дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ/тибби оилавӣ, кормандони миёнаи тиб, донишҷуёни коллеҷҳои тиббӣ, донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии то ва баъдидипломӣ пешбинӣ шудааст.

Дар таҳияи дастур шахсони зерин саҳм гузоштанд:

Бандаев И.С. – д.и.т., директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

Набиев З.Н – д.и.т., профессор, директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона»

Азизов З.А. – директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунизатсия»

Аминов О.Т. – н.и.т., муовини директор оид ба корҳои ташкилию методии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

Раупов Ф. О. – мудири шуъбаи ташкилию дастурии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

**Мундарича**

1. Моҳияти иммунизатсия барои аҳолӣ…………………………………………...............3
2. Иммунизатсия одамонро аз кадом бемориҳо эмин медорад? ..........................4
3. Падару модарон кӯдаконро ба иммунизатсия бояд чӣ гуна омода намоянд? ……..………………………………………………………………….5
4. Баъд аз иммунизатсия онҳо чӣ корҳо бояд кунанд? .......................................6
5. Барои чӣ падару модар аз иммунизатсия дасткашӣ мекунанд? .....................6
6. Оқибатҳои дасткашӣ аз иммунизатсия……………………………...................6
7. Тақвими миллии иммунизатсия…………………………………………………8
8. Дастур оид ба ваксинаҳо ва тартиби ворид намудани онҳо…………………...9
9. Мавзеъҳои анатомӣ ва роҳҳои воридсозии ваксинаҳо……………………......10
10. Усулҳои ворид намудани ваксинаҳо…………………………………………11
11. Бемориҳои давраи пас аз иммунизатсия....................................................14
12. Таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия..................................................16
13. Муоличаи таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия…………………………19
14. Пешгирии таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия…………………………20
15. Амалияи стандартии эмгузаронӣ.................................................................21
16. Беҳдошт.....................................................................................................23
17. Назорат пас аз иммунизатсия......................................................................25

## Моҳияти иммунизатсия барои аҳолӣ

Таҳкурсии устувори солимии ҳар як инсон аз аввали зиндагии кӯдакиаш поягузорӣ мешавад.

Яке аз марҳилаҳои асосии ин поягузорӣ, ки дар соатҳои аввали ҳаёти кӯдак сар мешавад - иммунизатсия мебошад.

Иммунизатсия - раванде мебошад, ки тавассути он масъунияти бадан дар натиҷаи гузаронидани ваксина баланд шуда, ба бемориҳои сироятии бо воситаи ваксина идорашаванда таъсирнопазир мегардад.

Миллионҳо одамон то давраи истифодабарии иммунизатсия ҳамчун усули пешгирии бемориҳои сироятшаванда, гирифтори бемориҳои гуногуни сироятӣ шуда, баъзе аз онҳо ба маъюбшавӣ ва баъзеяшон мубталои фавт мегардиданд. Тавассути иммунизатсия инсоният тавонист аз чунин бемориҳои сироятии хатарнок - ҳамчун нағзаки табиӣ (натуральная оспа), гулӯзиндонак, фалаҷ, сурхча ва ғайраҳо раҳоӣ ёбад.

Иммунизатсия яке аз самтҳои асосии соҳаи тиб ба ҳисоб рафта, мақсади асосии он таъмин намудани солимии ҷомеа мебошад.

Чи тавре ки аз гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, «Солимии ҷомеа - ин боигарии давлат аст». Маҳз ҳамин гуфтаҳоро пешаи худ намуда, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кушиш ба харҷ дода, тамоми сохторҳои пешгирикунандаи соҳаи тандурустиро бахри солим нигоҳ доштани аҳолӣ равона сохтааст. Бо ин мақсад, дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилояту минтакаҳо ва шаҳру ноҳияҳо Марказҳои иммунопрофилактикаро таъсис додааст.

Фаъолияти соҳаи иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иммунопрофилактикаи бемориҳои сироятӣ» ва Барномаи нави миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, амалӣ шуда истодааст.

Мақсади асосии ин ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, маҳв намудани бемориҳои сироятии бо воситаи

иммунизатсия идорашаванда ва паст кардани маъюбшавию фавти кӯдакон аз ин бемориҳо мебошад.

Бо шарофати дуруст ба роҳ мондани соҳаи иммунопрофилактика дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, сатҳи бемориҳои сироятии бо воситаи иммунизатсия идорашаванда оҳиста-оҳиста паст шуда истодааст ва гуфтан ба маврид аст, ки айни замон чунин бемориҳои сироятӣ ба монанди фалаҷ, гулӯзиндонак ва сурхчаю гулафшон дар марҳилаи маҳвшавӣ қарор доранд.

**Иммунизатсия одамонро аз кадом бемориҳо эмин медорад?**

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди 10 намуд бемориҳои сироятӣ иммунизатсия гузаронида мешавад, аз ҷумла бемориҳои фалаҷ (полиомиелит), гепатити B, сил, кабутсулфа, гулӯзиндонак, кузози навзодон, сирояти гемофилии намуди b, сурхча, гулафшон ва диареяи кӯдакон, ки сабабгорашон ротавирусҳо мебошанд.

Баъзе намудҳои иммунизатсия танҳо як бор, баъзеаш вобаста ба хосияти иммунобиологиашон якчанд маротиба дар давоми ҳаёти кӯдак гузаронида мешаванд. Муҳимаш он аст, ки кӯдак бояд мувофиқи Тақвими миллӣ ҳамаи намуди иммунизатсияро қабул кунад.

Аз ин лиҳоз, дар таваллудхона кӯдак дар давоми 24 соати аввали баъди таваллуд иммунизатсияро бар зидди бемориҳои фалаҷ ва гепатити B бояд қабул кунад, дар рӯзҳои 3-5-уми баъд аз таваллуд бошад, бар зидди бемории сил иммунизатсия гузаронида мешавад. Баъдан, дар 2, 3 ва 4 моҳагӣ, кӯдакон бар зидди бемориҳои фалаҷ, кабутсулфа, гулӯзиндонак, кузози навзодон, сирояти гемофилии намуди b ва диареяи кӯдакон, ки сабабгорашон ротавирусҳо мебошанд, бо вояҳои 1, 2 ва 3-юми ин ваксинаҳо фаро гирифта мешаванд. Дар 12 моҳагӣ бошад, иммунизатсияро бо вояи 4-уми ваксинаи зидди фалаҷ ва вояи 1-уми ваксинаи сурхча/гулафшон мегиранд. Баъд аз 1- солагӣ (дар давоми 16-23 моҳагӣ) дар кӯдакон иммунизатсияҳои такрорӣ бо ваксинанҳои АКДС, сурхча /гулафшон ва дар 6 солагӣ вояи такрории сурхча/гулафшон) дар якҷоягӣ бо ваксинаи АДС (яъне зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз) гузаронида мешавад. Саривақт, мувофиқи Нақшаи иммунизатсия гирифтани ҳар як ваксина, масунияти баланди кӯдаконро бар зидди бемориҳои сироятии идорашаванда таъмин менамояд.

Доимо дар хотир бояд дошт, ки «Пешгирии беморӣ чандин маротиба осонтар ва камхарҷтар аст аз табобати он!!!». Аз ин лиҳоз ба тамоми волидайн муроҷиат намуда фаҳмонидан лозим аст, ки танҳо иммунизатсия кӯдакони онҳоро аз бемориҳи сироятӣ ҳифз менамояд. Ҳар як кӯдак ҳуқуқ дорад ва бояд ҳатман бар зидди бемориҳои сироятӣ иммунизатсия карда шавад.

**Падару модарон кӯдаконро ба иммунизатсия бояд чӣ гуна омода намоянд?**

Ҳар як падару модар оид ба гузаронидани иммунизатсия аллакай дар таваллудхона огоҳӣ меёбанд.

Тавре дар боло қайд намудем, вояҳои аввали ваксина, дар соатҳои аввали баъд аз таваллуд дар таваллудхона гузаронида мешавад. Кормандони тиб баъд аз гузаронидани иммунизатсия ба волидайн Шинosномаи иммунизатсияи кӯдакро тақдим мекунанд. Шиноснома ҳамчун ҳуҷҷати хотиррасон оид ба иммунизатсия ба волидайн хизмат мерасонад. Ҳангоми шиносоӣ бо ин ҳуҷҷат, волидайн ба ҳама саволҳои худ нисбати иммунизатсия маълумоти пурра пайдо менамоянд.

Дар ин ҳуҷҷат, ному насаби кӯдак, санаи таваллуд, ҷои истиқомат, муассисаи хизматрасон, сабти иммунизатсияи кӯдак, маълумот дар бораи бемориҳои сироятие, ки ба воситаи иммунизатсия идорашавандаанд ва моҳияти гирифтани иммунизатсия дарҷ шудааст. Инчунин дар Тақвими миллии иммунизатсия бо эзоҳояш, ки дар он намуди ваксина ва бар зидди кадом беморӣ истифода бурда мешавад, маълумот пешниҳод шудааст.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки корманди тиб дар ин ҳуҷҷат санаи гирифтани вояи навбатии иммунизатсияро қайд мекунад ва аз волидайн хоҳиш менамояд, ки бо шиноснома ба муассисаи тиббии маҳалли зист дар санаи қайдшуда ҳозир шаванд.

Дар муассисаи тиббӣ ба ҳар як кӯдак корти қайди иммунизатсия (шакли 63) пур карда мешавад. Ҳар як иммунизатсия аз тарафи корманди тибби соҳибтаҷриба дар муассисаи тиббии ҷои зист ройгон гузаронида мешавад.

Дар гирифтани иммунизатсияи кӯдак пеш аз ҳама падару модар бояд масъулияти моҳияти сари вақт гирифтани иммунизатсияро ба зимма гиранд. Нозукии дигари ин масъала дар он аст, ки фосилаи байни вояҳо

бояд риоя карда шавад, вагарна масунияти қавиро бар зидди бемориҳои мақсаднок ба даст оварда наметавонем.

Ҳар як кӯдак пеш аз гирифтани иммунизатсия ҳатман бояд аз муоинаи тиббии табиби оилавӣ ва ё минтақавӣ гузарад. Табиб дар навбати худ бояд дар ҳуҷҷати Шакли 024 ҳолати кӯдак, омодабошии ӯ ба иммунизатсия ва қабули вояҳои навбатии онро сабт кунад.

**Баъд аз иммунизатсия онҳо чӣ корҳо бояд кунанд?**

Волидайн, баъд аз иммунизатсия бояд дар муддати 15-20 дақиқа то ором шудани кӯдак дар ҳудуди муассисаи тиббӣ монад. Ба ҳар як волидайн дастур дода мешавад, ки баъд аз гузаронидани иммунизатсия пеш аз ҳама ба ҳолати умумии кӯдак, назорати ҳарорати бадан ва ҷои гузаронидани тазриқ (ҷои сӯзангузаронӣ) диққат диҳанд.

Онҳо набояд аз баланд шудани ҳарорати бадан, бемадорӣ ва инҷиқии кӯдак муддати 2-3 рӯз дар изтироб бошанд, чунки ин ҳолати муқаррарии аксуламали бадан нисбати вояи гузаронидашуда мебошад, ки ҳосилаш пайдоиши масунияти қавии бадан мебошад. Ҳарорати баланди баданро набояд бо доруворихои ҳароратпасткунанда паст намоянд, чунки барои пайдо намудани масунияти табиии бадан монеагиҳо ба вуҷуд меоранд. Баландшавии ҳарорати бадан баъд аз гузаронидани иммунизатсия то ба $38^0$С муътадил ба ҳисоб меравад.

**Барои чӣ падару модар аз иммунизатсия дасткашӣ мекунанд?**

Бояд қайд кард ки дар амалияти тандурустӣ ҳолатҳои дастшакии волидайн аз иммунизатсия ба назар мерасад. Имрӯз мо бе шубҳа гуфта метавонем, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти иммунизатсияро хело хуб дарк мекунанд, аммо ҳастанд ҳодисаҳое, ки аз тарафи падару модарон барои гузаронидани иммунизатсия монеа эҷод мегардад, ҳарчанд дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бо тариқи нашр намудани варақаҳо, буклетҳо ва лавҳаҳои деворӣ, инчунин ба тариқи воситаҳои ахбори омма хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар бораи ҳолатҳои баъди иммунизатсия бо волидайн пеш аз гузаронидани ваксинатсия суҳбатҳо гузаронида мешаванд, вале на ҳамаи онҳо инро хуб дарк менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар маҳалҳо ҳолатҳои дасткашӣ аз иммунизатсия ба мушоҳида мерасад.

Пайдоиши ҳолатҳои номатлуб пас аз иммунизатсия мувофиқи нишондодҳои оморӣ ба 100 000 нафар аҳолӣ ҳисоб карда мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки ваксинаҳои ба ҷумҳурӣ воридшаванда дорои сертификати Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ буда, дар онҳо эҳтимолияти рух додани ҳолатҳои номатлуби баъди иммунизатсия хеле паст мебошад.

**Оқибатҳои дасткашӣ аз иммунизатсия:**

Тавре ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, аз ин рӯ дар ҳолати дасткашии волидайн аз иммунизатсия фарзанди ӯ маҷбуран ё тариқи зӯроварӣ бо иммунизатсия фаро гирифта намешавад. Аммо дар чунин ҳолатҳо, аз волидайн забонхат дар бораи дасткашии онҳо аз иммунизатсияи кӯдакашон гирифташуда, дар Шакли 024, яъне таърихи инкишофи кӯдак дӯхта мешавад.

Оқибатҳои дасткашӣ аз иммунизатсия барои ҳар як кӯдак бисёр ташвишовар аст, чунки пеш аз ҳама чунин кӯдакон дар ҳолати дучор шудан бо барангезандаҳои беморӣ зуд ва ба осонӣ ба ин бемориҳо гирифтор мешаванд, чунки дар бадани онҳо масуният нисбати пешгирии беморӣ вуҷуд надорад. Паҳлуи дигари дасткашӣ аз иммунизатсия дар он аст, ки новобаста аз он, ки чунин кӯдакон худ бемор мешаванд, дар навбати худ сабабгори паҳншавии бемориҳо гашта, дигаронро зери хатар мемонанд. Шаҳрвандони ҷумҳурӣ бояд хуб дарк намоянд, ки танҳо дар мавриди ба пуррагӣ фарогирии кӯдакон бо иммунизатсия мо метавонем пеши роҳи паҳншавии бемориҳоро гирем.

Мувофиқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №4 «Оиди таҳлили ҳолатҳои номатлуби баъди иммунизатсия» дар назди Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунизатсия» гурӯҳи корӣ ташкил дода шудааст. Дар ҳолати бақайдгирии чунин ҳодисаҳо, ин гуруҳ сабаби рух додани ҳолатро таҳти таҳлил қарор медиҳад. Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо бошад, мутахассисони соҳавӣ оид ба бақайдгирӣ ва саривақт муайян намудани чунин ҳолатҳо бояд коргузорӣ намоянд.

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИММУНОПРОФИЛАКТИКА

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
Бюрои Минтақавии Аврупой

Gavi The Vaccine Alliance
Алянси глобалии вакцинаҳо ва иммунизатсия



## ПАДАРОН ВА МОДАРОНИ МӮҲТАРАМ!

Сари вақт гузаронидани иммунизатсия, кӯдакони Шуморо аз бемориҳои фалаҷ, гепатити В, сил, гулӯзиндонак, сулфакабутак, кузоз, сурхча, гулафшон, диареяи кӯдакон ва сирояти гемофилии типи b эмин нигоҳ медорад.

## ТАҚВИМИ МИЛЛИИ ИММУНИЗАТСИЯ

| Намуди ваксина | Мӯҳлати иммунизатсиякунӣ |
|---|---|
| ОПВ-0 (сифрӣ), ГВ-1 | Дар муддати 24 соати баъд аз таваллуд |
| БСЖ | Дар рӯзҳои 3-5-уми баъд аз таваллуд |
| Пентавалентӣ - 1 (АКДС-1, Hib-1, ГВ-2), ОПВ-1, Рота-1 | Дар 2 моҳагӣ |
| Пентавалентӣ - 2 (АКДС-2, Hib-2, ГВ-3), ОПВ-2, Рота-2 | Дар 3 моҳагӣ |
| Пентавалентӣ - 3 (АКДС-3, Hib-3, ГВ-4), ОПВ-3, ИПВ | Дар 4 моҳагӣ |
| СГ (MR) -1, ОПВ-4 | Дар 12 моҳагӣ |
| АКДС-4 | Дар 16-23 моҳагӣ |
| СГ (MR) -2; БСЖ-2; АДС | Дар 6 солагӣ |
| АДС-М; БСЖ-3 | Дар 16 солагӣ |
| АДС-М – 2,3,4,5 | Баъди ҳар 10 сол (26,36,46,56 солагӣ) |

КОРМАНДОНИ ТИБ ДАР ҲУЗУРИ ШУМО БАРОИ ҲАР ЯК ИММУНИЗАТСИЯ АЗ СӮЗАНДОРУИ НАВ БОЯД ИСТИФОДА БАРАНД!

Сӯзандоруҳое, ки истифода бурда мешаванд, бояд ҳамон замон дар қуттиҳои безараркунӣ ҷамъ карда, сипас сӯзонда шаванд.

## ИММУНИЗАТСИЯ РОЙГОН МЕБОШАД!

**Эзоҳ:**

ОПВ - ваксинаи зидди бемории фалаҷ;
ГВ - ваксинаи зидди бемории гепатити В;
БСЖ - ваксинаи зидди бемории сил;
АКДС - ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак, сулфакабутак ва кузоз;
Пентавалентӣ - ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак, сулфакабутак, кузоз, сирояти гемофилии типи b (Hib), гепатити В;
СГ (MR) - ваксинаи зидди бемориҳои сурхча ва гулафшон;
АДС - ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз;
АДС-М - ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз бо миқдори камтарини антигенҳо (барои калонсолон);
Рота - ваксинаи зидди бемории шикамрави кӯдакон, ки сабабгорашон сирояти ротавирусҳо мебошанд;
ИПВ - ваксинаи ғайрифаъолкардашуда бар зидди бемории фалаҷ.

## Дастур оид ба ваксинаҳо ва тартиби ворид намудани онҳо

| № | Номгӯи ваксинаҳо | Бар зидди кадом бемори̅ | Воя/флакон | Намуди воридкуни̅ | Вояи воридшаванда | Тақвими иммунизатсия | Мӯҳлати нигоҳдории ваксина баъд аз кушодашавии он |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **ОПВ** | Бемории фалаҷ | 10/20 воя/фл | Қатра ба даҳон | 2 қатра | Дар давоми 24 соат баъд аз таваллуд, 2-3-4 - моҳаги̅, 12-моҳаги̅ | Муддати 4 ҳафта (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 2 | **Гепатити В** | Бемории гепатити В | 1воя/ фл | Даруни мушак, қисми берунии болои рон | 0,5 мл | Дар давоми 24 соати баъд аз таваллуд | Баъд аз кушодашави̅ фавран истифода бурда шавад |
| 3 | **БСЖ** | Бемории сил | 20 воя/фл | Даруни пӯст, қисми болоии дасти чап (баландтар дар китф) | 0,05 мл | 3-5 рӯзи баъд аз таваллуд | Муддати 6 соат баъд аз кушодашави̅ (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 4 | **Пентавalenti̅** | Бемориҳои гулӯзиндонак, кабудсулфа, кузоз, сирояти гемофилии типи b, гепатити В | 1воя/ фл | Даруни мушак, қисми берунии болои рон | 0,5 мл | 2-3-4 - моҳаги̅ | Баъд аз кушодашави̅ фавран истифода бурда шавад |
| 5 | **СГ (сурхча-гулафшон)** | Бемориҳои сурхча ва гулафшон | 10 воя/ фл | Таги пӯст, дар мавқеи мушаки делтамонанди дасти чап | 0,5 мл | 1 солаги̅<br>6-солаги̅ | Муддати 6 соат баъд аз кушодашави̅ (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 6 | **АКДС** | Бемориҳои гулӯзиндонак, кабудсулфа ва кузоз | 10 воя/ фл | Даруни мушак, қисми берунии болои рон | 0,5 мл | 16-23 моҳаги̅ | Муддати 4 ҳафта (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 7 | **АДС** | Бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз | 10 воя/ фл | Даруни мушаки делтамонанди дасти чап ё | 0,5 мл | 6- солаги̅ | Муддати 4 ҳафта (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 8 | **АДС-м** | Бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз бо миқдори камтарини антигенҳо (ба калонсолон) | 10 воя/ фл | Даруни мушаки делтамонанди дасти чап ё рост | 0,5 мл | 16-26-36-46-56 солаги̅ | Муддати 4 ҳафта (дар ҳарорати +2 +8$^0$С) |
| 9 | **Рота** | Бар зидди сирояти ротавируси̅ | 1воя/ фл | Қатра ба даҳон | 1,5 мл | 2-3 моҳаги̅ | Баъд аз кушодашави̅ фавран истифода бурда шавад |
| 10 | **ИПВ** | Бемории фалаҷ | 1воя/ фл | Даруни мушак, қисми берунии болои рон | 0,5 мл | 4- моҳаги̅ | Баъд аз кушодашави̅ фавран истифода бурда шавад |

## Мавзеъҳои анатомӣ ва роҳҳои воридсозии ваксинаҳо

Аз ҷиҳати назариявӣ, ҷойи аз ҳама мақбули воридсозии ваксина маҷрои ҳозима мебошад ва бештар барои пешгирии ҳамон бемориҳое истифода бурда мешавад, ки маҷрои ҳозима дар мавриди сирояти табиӣ барои вирус узви ҷазбманд (тропӣ) мебошад. Бо роҳи даҳонӣ ваксинаҳои бемориҳои фалаҷ, вабо, ротавирусӣ ва дигарҳо ворид карда мешаванд. Дар амалияи иммунизатсия бештар иммунизатсияи парентералӣ - дохилимушакӣ ва зерипӯстӣ, ҳамчунин ба таври истисно дохилипӯстӣ ва зерипӯстӣ низ истифода бурда мешавад. Интихоби усули иммунизатсия бо қобилияти вокуниш зоҳиркунандагӣ ва қудрати масуниятоварии ваксина муқаррар карда мешавад. Яқин аст, ки ваксинаҳои қобилияти вокуниш зоҳиркунандагиашон баландро танҳо дохилипӯстӣ ва ҳатто зерипӯстӣ анҷом медиҳанд (ваксинаҳои зиндаи брутселлёзӣ, таби харгӯшӣ (туляремия), вабо ва ғ.), аммо ваксинаҳои қобилияти вокуниш зоҳиркунандагиашон суст ва пастро (зидди ҳепатити В, менингококкии В-и полисахаридӣ, АДС (гулӯзиндонакиву кузозии ҷаббидашуда (адсорбсиякардашуда)), АДС-М-ро (гулӯзиндонакиву кузозии ҷаббидашудаи (адсорбсиякардашудаи))– М ва ғ.) дохилимушакӣ ворид намудан тавсия дода мешавад, чунки дар ин маврид ба зудӣ ҷаббида шудани подзои (антигени) масуниятноккунанда ҷавоби нисбатан баланди масуниро таъмин менамояд ва ба ғайр аз ин ҳангоми воридсозии дохилимушакӣ, вокуниши ҷузъӣ дар муқоиса бо воридсозии зерипӯстӣ, нисбатан камтар ифода меёбад.

Ваксинаҳои зиндаро (сурхча, баногӯшак, гулафшон) зерипӯстӣ ворид намудан беҳтар аст, аққалан бо он сабаб ки ин роҳ нисбатан камдард ва бехавфтар мебошад.

Дар мавриди бо усули дохилимушакӣ ворид намудани ваксина интихоби ҷойи тазриқ аҳамияти муҳим дорад, барои кам кардани дараҷаи хавфи осебёбии асабҳо ва хунрагҳои наздик ҷойгирбуда, воридсозии тамоми давоҳои иммунобиологӣ ба мушаки сурин дорои оқибати хатарноки осебёбии асаби сурин, бо пайдошавии камқувватии мушакии муддати зиёд боқӣ монанда, контрактура, кашолшавии попанҷа ва сустшавии дарозшавии пойи тарафи осебёфта мебошад. Дар амалия мавзеи анатомии бартаридоштаи тазриқи дохилимушакӣ, барои кӯдакони синни ширмак ва синни бармаҳал (то 18 - моҳа) минтақаи пешу паҳлӯии сеяки болоии рон ва барои кӯдакони аз 18 – моҳа калонтар минтақаи мушаки делташакл шуморида мешавад.

Инкор намудани воридсозии ваксина ба сурин боз аз он сабаб мебошад, ки дар кӯдакони навзод ва синни бармаҳал минтақаи сурин бештар аз бофтаи чарбӣ иборат мебошад, аммо мушаки чорсараи рон – аз ҳама мушаки калонтарини тани инсон мебошад, ки вай дар кӯдакон аз моҳҳои аввали ҳаёт хуб инкишофёфта мебошад ва ба ғайр аз ин дар минтақаи пешу паҳлӯии рон асабҳо ва хунрагҳои ҳаётан муҳим ҷойгир нашудаанд. Ҳамзамон тазаккур додан муҳим аст, ки ворид намудани ваксина ба минтақаи миёнаӣ-паҳлӯии рон номатлуб мебошад, барои он ки ин метавонад ба осебёбии дастаи асабӣ-хунрагӣ оварда расонад.

Дар кӯдакони синнашон аз 18-моҳа калонтар ҷойи бартаридоштаи воридсозии ваксина минтақаи мушаки делташакл ҳисобида мешавад (миёнҷои байни нӯги берунии (латералии) теғаи шона ва ноҳамвории делташакл), дар ин маврид аз тазриқ ба мушаки сесара худдорӣ намудан лозим аст, чунки осебёбии асабҳои соидӣ, бозуӣ, оринҷӣ ва ҳамчунин шараёнраги бозуӣ имконпазир мебошад.

Услуби дохилимушакӣ ҳамон вақт мувофиқи мақсад мебошад, ки агар вокуниши камтари ҷузъиро ба даст овардан лозим бошад (мисол, ҳангоми воридсозии АКДС (сулфакабутак, гулӯзиндонак ва кузозии ҷаббидашуда (адсорбсиякардашуда)).

Воридсозии зерипӯстии ваксинаро одатан дар минтақаи зеришонаӣ ва сатҳи берунии бозу, дар ҳудуди сеяки мобайнӣ ва болоии он, ҳамчунин қисми пешӣ (қидомӣ)-берунии рон амалӣ месозанд.

Тазриқҳои дохилипӯстиро одатан дар минтақаи сатҳи берунии бозу (ваксинаи зидди бемории сил) мегузаронанд.

Барои иммунизатсия сӯзандоруҳои яккарата истифода бурда мешаванд. Аворизҳое, ки бевосита бо тазриқ алоқаманданд одатан пайдо намешаванд, аммо ба ҳар ҳол ҳангоми тазриқҳои дохилимушакӣ думмалҳои бактериявӣ, хуншориҳои дохилимушакӣ, доғсориҳои пӯстӣ, мавтшавиҳои бофтаӣ, осебёбии асабҳо ва ғайраҳо имконпазир мебошанд. Вайронкунии техникаи воридсозии ваксинаи зидди бемории сил, метавонад ба пайдошавии думмалҳои сард, гранулёма (ҷавонаомос, доначаомос) ё мавтшавӣ оварда расонад.

## Усулҳои ворид намудани ваксинаҳо:

**Расми 1.** ***Мавқеъи сӯзан дар намудҳои гуногуни тазриқҳо***




**Расми 2:** ***Техникаи тазриқи даруни пӯст***

**Расми 3:** ***Техникаи тазриқи таги пӯст***





**Расми 4:** ***Техникаи тазриқи даруни мушак***




*Расми 5: Техникаи ворид намудани ваксинаҳои ба тариқи даҳон истифодашаванда*

**1. Ваксинаи зидди бемории фалаҷ (ОПВ)**

**2. Ваксинаи зидди сирояти ротавирусӣ (Рота)**





Маълумотҳо дар бораи иммунизатсия бояд ба сертификат, бо нишон додани силсилаи ваксина, санаи воридсозӣ ва хусусияти вокуниш сабт карда шаванд.

## Бемориҳои давраи пас аз иммунизатсия

Бемориҳои дар давраи пас аз иммунизатсия пайдошавандаро ба 3 гуруҳ ҷудо менамоянд.

1. Ҳамроҳ шудани сирояти тасодуфӣ (интеркуррентӣ) дар давраи пас аз иммунизатсия ва аворизи муштараки ҷараёнгирии раванди сироятӣ ва иммунизатсия. Ҳамроҳшавии ягон сирояти тасодуфӣ метавонад вокуниши вуҷудро ба иммунизатсия тағйир бидиҳад ва вазнин бисозад ва дар баъзе мавридҳо ба инкишофёбии аворизи баъди иммунизатсия мусоидат намояд.
2. Авҷгирии бемориҳои музмин ва падидаҳои аввалини бемориҳои ниҳон (нопадид). Дар ин маврид иммунизатсия на ин ки сабаби беморӣ, балки аниқтараш шароите мебошад, ки барои инкишофёбии равандҳои мазкур мусоидат менамояд.
3. Таъсирҳои иловагӣ, ки пас аз иммунизатсия ба амал омадааст.

Ба таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия маҷмӯи падидаҳои клиникӣ ва параклиникиро мансуб медонанд, ки якхела баъди воридсозии давои мушаххас инкишоф меёбад.

Ба таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия вайроншавиҳои вазнин ё устувори ҳолати солимиро мансуб медонанд, ки аз боиси иммунизатсияи пешгирикунандаи бемориҳо инкишоф меёбанд.

Таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсияро ба ҷузъӣ ва умумӣ тақсим мекунанд.

Ба таъсирҳои иловагии ҷузъӣ ҳамаи падидаҳои дар ҷойи воридсозии даво ошкоршударо мансуб медонанд. Таъсирҳои иловагии ҷузъии ғайримахсусро метавон дар давоми шабонарӯзи аввали баъди иммунизатсия мушоҳида намуд. Онҳо бо пайдошавии сурхшавӣ ва варами давомёбиаш 24-48 соат зоҳир меёбанд. Дар мавриди воридсозии давоҳои адсорбсиякардашуда, хусусан ҳангоми воридсозии зерипӯстӣ, дар ҷойи воридсозӣ метавонад инфилтрат (варами илтиҳобӣ) пайдо шавад. Ҳангоми такроран воридсозии анатоксинҳо метавонанд таъсирҳои иловагии ниҳоят зиёди ҷузъӣ инкишоф биёбанд, ки ба тамоми сурин паҳн меёбанд ва баъзан ҳатто камар ва ронро фаро мегиранд. Ин таъсирҳои иловагӣ асосан таҳсосӣ (бодигармӣ, аллергӣ) мебошанд. Дар ин маврид ҳолати умумии кӯдак тағйир намеёбад. Аз рӯйи қоида муолиҷаро тақозо наменамоянд, дар мавриди инкишофёбии таъсирҳои иловагии ниҳоят зиёди ҷузъӣ, яке аз давоҳои зиддиҳистаминиро тавассути даҳон таъин намудан мумкин аст. Инкишофёбии таъсирҳои иловагии ниҳоят зиёди ҷузъӣ (варам ва

сурхшавии диаметраш аз 8 см зиёдтар), барои минбаъд истифодабарии давои мазкур зиднишондод мебошад.

Дар мавриди воридсозии ваксинаҳои зиндаи бактериявӣ таъсирҳои иловагии махсуси ҷузъӣ инкишоф меёбанд, ки аз боиси раванди сироятии ваксинӣ дар ҷойи воридсозии даво пайдо мешаванд. Онҳо баъди гузаштани муҳлати муайяни баъди иммунизатсия пайдо мешаванд ва мавҷудияти онҳо шарти ҳатмии инкишофёбии масуният мебошад. Мисол, дар мавриди иммунизатсияи дохилипӯстии навзодон бо ваксинаи зидди бемории сил, дар ҷойи воридсозӣ пас аз 6-8 ҳафта вокуниши махсус ба шакли инфилтрат ба андозаи 5-10 мм, бо мавҷудияти гиреҳчаи хурд ва карахш дар маркази он, дар баъзе мавридҳо римчакунӣ ба назар мерасад. Инкишофёбии баръаксӣ дар муддати 2-4 моҳ мегузарад ва баъзан дар муҳлатҳои нисбатан бардавом. Дар ҷойи таъсирҳои иловагӣ хадшаи (доғи) сатҳӣ ба андозаи 3-10 мм боқӣ мемонад. Агар таъсирҳои иловагии ҷузъӣ хусусияти дигар дошта бошад, бояд кӯдакро ба табиби силшинос нишон дода, маслиҳати ӯро гирифтан лозим аст.

Ба таъсирҳои иловагии умумии пас аз иммунизатсия тағйирёбии ҳолат ва рафтори кӯдак мансуб мебошад, ки одатан онро баландшавии ҳарорати бадан ҳамроҳӣ менамояд. Баъди воридсозии ваксинаҳои нофаъолкардашуда вокунишҳои умумӣ пас аз якчанд соати иммунизатсия инкишоф меёбанд, давомёбии онҳо одатан аз 48 соат зиёд нест. Дар ин маврид агар ҳарорат ба 38° ва зиёдтар расад, онҳо метавонанд бо нооромӣ, вайроншавии хоб, беиштиҳоӣ ва дарди мушакҳо гузаранд.

Таъсирҳои иловагии умумӣ пас аз иммунизатсия бо ваксинаҳои зинда дар шиддатёбии раванди сироятии иммунизатсия инкишоф меёбанд. Дар ин маврид ба ғайр аз нишонаҳои дар боло зикргардида, метавонанд нишонаҳои назлавӣ (илтиҳоби луобпардаҳо, катаралӣ) (ваксинаҳои сурхча, баногӯшак, гулафшон), бусуроти сурхчамонанд (ваксинаи сурхча), илтиҳоби яктарафа ва ё дутарафаи ғадудҳои луобӣ (ваксинаи баногӯшак), илтиҳоби ғадудҳои лимфавии пасигарданӣ ва пуштисарӣ (ваксинаи гулафшон) низ пайдо шаванд. Дар мавриди таъсирҳои иловагии баландшавии ҳарорат дар баъзеи кӯдакон рагкашиҳои ҳароратӣ имконпазир аст, ки одатан кӯтоҳмуддатанд. Воридсозии АКДС (анатоксини сулфакабутак, гулӯзиндонак ва кузозии адсорбсиякардашуда) метавонад сабаби гиряи (додзании) дилшикофи беист, ки якчанд соат идома меёбад, бигардад ва он эҳтимол бо баландшавии фишори дохилиҷумҷумавӣ алоқаманд бошад.

Дар мавриди пайдошавии таъсирҳои иловагии сахти умумӣ муолиҷаи симптоматикӣ таъин карда мешавад.

Ба давоҳои аз ҳама мутаассиркунандагиашон камтар ваксинаҳои фалаҷӣ, баногӯшакӣ, гулафшонӣ, зидди ҳепатити В ва анатоксинҳо мансуб мебошанд.

**Таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия**

Агар шаклҳои сабуки таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия баъди воридсозии бештари давоҳо, дар қисми зиёди иммунизатсияшудагон инкишоф биёбанд, шаклҳои вазнини таъсирҳои иловагӣ бошанд бо касрати 1:1000 ва камтар вомехӯранд, аммо касрати таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия, ба монанди фалаҷи марбутаи ваксина, сирояти паҳнёфтаи ваксинагии силкасалӣ, энсефалит (илтиҳоби майна) ва баъди ваксинаи сурхча 1:1000 000-ро ташкил медиҳанд (ниг. ба ҷадвал).

***Таъсирҳои иловагии бо иммунизатсия алоқамандидошта***

| **Шаклҳои клиникии таъсирҳои иловагӣ** | **Ваксинаҳо** | **Мӯҳлати инкишофёбӣ пас аз иммунизатсия** |
|---|---|---|
| Садмаи таҳсосӣ (анафилактоидӣ) | Ҳамашон ба ғайр аз ваксинаи зиддисилӣ (БСЖ) ва ваксинаи даҳонии фалаҷӣ | то 12 с. |
| Таъсирҳои иловагии вазнини паҳнёфтаи бодигармӣ (таҳсосӣ) (варами такроршавандаи хунрагӣ-асабӣ - варами Квинке, алоими Стивенс-Ҷонсон, алоими Лайелл ва ғ.) | Ҳамашон ба ғайр аз ваксинаи зиддисилӣ (БСЖ) ва ваксинаи даҳонии фалаҷӣ | то 5 рӯз |
| Алоими бемории зардобӣ | Ҳамашон ба ғайр аз ваксинаи зиддисилӣ (БСЖ) ва ваксинаи даҳонии фалаҷӣ | то 15 рӯз |
| Илтиҳоби майна (энсефалит) | АКДС (анатоксини сулфакабутакиву гулӯзиндонакиву кузозии адсорбсиякардашуда), АДС (гулӯзиндона-киву кузозии адсорбсиякарда- | |

| | | |
|---|---|---|
| | шуда),<br>ваксинаи сурхчаӣ | то 3 рӯз<br>5-15 рӯз |
| Дигар бемории СМА бо падидаҳои паҳнёфта ё ҷузъӣ:<br>• энсефалопатия<br><br>• менингити зардобӣ (серозӣ)<br>• илтиҳоби асаб (неврит), илтиҳоби сершумори асабҳо (полиневрит) | АКДС, АДС<br>Ваксинаи сурхчаӣ<br>Ваксинаи баногӯшакӣ<br>Ваксинаҳои нофаъолкардашуда | то 3 рӯз<br>5-15 рӯз<br>10-40 рӯз<br><br>то 30 рӯз |
| Ҳолатҳои боқимондаи рагкашӣ - рагкашиҳои бетаб (афебрилӣ) (баъди эмкунӣ пайдошуда, ҳангоми ҳарорати аз 38,5°C пасттар, ки қабл аз эмкунӣ вуҷуд надоштанд), ки дар муддати 12 моҳи аввали пас аз иммунизатсия такрор ёфтаанд | АКДС, АДС<br>Ваксинаҳои сурхчаӣ, баногӯшакӣ, сурхаконӣ | то 3 рӯз<br><br><br>5-10 рӯз |
| Фалаҷи марбутаи ваксина:<br>• дар одами иммунизатсияшудаи солим<br>• дар одами иммунизатсияшудаи норасоии масуниятдошта | Ваксинаи даҳонии фалаҷӣ | 5-30 рӯз<br>5 рӯз-6 моҳ |
| Гулафшони (пурпураи) тромботситопенӣ | Ваксинаи сурхчаӣ | 10-25 рӯз |
| Буғумдард (артралгия), илтиҳоби буғум (артрит) | Ваксинаи сурхаконӣ | 5-40 рӯз |
| Сирояти паҳнёфта (Бе-тсе –жити паҳнёфта) | БСЖ-М | Баъди 6 ҳафта |
| Остеит (остит, остеомиелит) | БСЖ-М | Баъди 6 ҳафта |
| Лимфаденит, хадшаи келоидӣ | БСЖ-М | Баъди 6 ҳафта |

Ба ғайр аз таъсирҳои иловагии дар боло зикргардида, чунин қабул шудааст, ки таъсирҳои иловагии зерин фарқ карда шавад:

- Таъсири иловагии аз боиси хатоиҳои барномавӣ баамаломада, яъне бо вайронкуниҳои қоидаҳо ва техникаи иммунизатсия алоқамандбуда;
- таъсири иловагии аз ваксина баамаломада (таъсири иловагии пас аз иммунизатсия);

- ҳодисаҳои ба таври ғайримустақим бо иммунизатсия алоқамандбуда (мисол, рагкашиҳои ҳароратӣ дар натиҷаи таъсирҳои иловагии ҳароратӣ, ки онро ваксина ба амал овардааст);
- тасодуфан рост омадан (мисол, бемории тасодуфӣ дар давраи пас аз иммунизатсия).

Ба таъсирҳои иловагии ҳангоми вайрон намудани техникаи иммунизатсия инкишофёфта думмалҳои сардро дар мавриди бо усули зерипӯстӣ ворид намудани ваксинаи зидди бемории сил (БСЖ) ва ҳамчунин инфилтратҳоро пас аз зерипӯстии сатҳӣ ворид намудани ваксинаҳо мансуб донистан мумкин аст.

Вайронкунии бесироятии ваксина ба таъсирҳои иловагии фасодӣ-илтиҳобӣ оварда мерасонад, ки дар мавридҳои алоҳида бо алоими садмаи заҳролудӣ ва марг анҷом меёбанд. Вобаста ба ин муҳлатҳо ва шароити маҳфуздории ваксинаҳоро дар флаконҳои кушода қатъиян риоя намудан зарур аст, ки онро дастурҳои истифодабарии ваксинаҳо муқаррар кардааст. Дар ин маврид ба ваксинаҳои зинда ва дигар ваксинаҳо, ки дар таркиби онҳо моддаҳои консерватсиякунанда мавҷуд нестанд диққати махсус додан лозим аст. Пешакӣ кушодани флаконҳо, новобаста аз мавҷуд будани моддаҳои консерватсиякунанда, қатъиян манъ аст. Бояд ба назар гирифт, ки пас аз кушодан ва минбаъда маҳфуздории онҳо на ҳама вақт таъмини риоя намудани шароитҳои бесироятӣ имконпазир мебошад.

Ба инкишофёбии таъсирҳои иловагии сахти умумӣ ва ҷузъӣ, метавонад воридсозии вояи калони ваксина оварда расонад, ки ё дар натиҷаи хатоӣ ва ё ҳангоми хуб омехта накардани ваксинаи адсорбсиякардашуда ба амал меояд.

Дар мавриди зиёдкунии вояи ваксинаҳои зиндаи вирусӣ (сурхчай-гулафшонӣ, баногӯшакӣ, фалаҷӣ) бо назорати иммунизатсияшуда маҳдуд шудан кифоя мебошад.

Сабаби инкишофёбии таъсирҳои иловагии таҳсосӣ, ки навъи бетаъхири инкишоф ҷараён мегиранд, метавонад вайронсозии занҷири сардӣ бошад. Ҳамчунин дар мавриди ҳарорати баланд ва ҳам яхкунонӣ-обшавии давоҳои адсорбсиякардашуда, десорбсияи антигенҳо ба амал меояд, ки он ба босуръат воридшавии онҳо ба системаи сиркулятсия оварда мерасонад. Барои пешгирӣ намудани яхкунии ваксинаҳои адсорбсиякардашуда (анатоксинҳо, ваксинаи АКДС ва ваксинаи зидди ҳепатити В), тавсия дода мешавад, ки онҳоро дар тоқчаи поёнии яхдон маҳфуздорӣ намоянд, аммо ҳангоми кашонидан дар термоконтейнерҳо, онҳоро дуртар аз унсурҳои сардидиҳанда ҷойгир намудан зарур мебошад.

## Муолиҷаи таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия

Таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия дар бештари мавридҳо муолиҷаи махсусро тақозо наменамоянд ва мустақилан дар муддати якчанд соатҳо ё 1-2 рӯз мегузаранд.

Дар мавриди баландшавии ҳарорат то рақамҳои баланд, зуд-зуд ва бисёр нӯшидан, услубҳои физикии паст намудани ҳарорати бадан ва давоҳои ҳароратпасткунанда (панадол, тайленол, паратсетамол, нурофен ва ғ.) таъин менамоянд. Дар мавриди баъди иммунизатсия пайдошавии бусуроти пӯст, яке аз моддаҳои зиддигистаминиро (фенкарол, тавегил, диазолин,перитол) рӯзе 3 маротиба, бо вояи синнусолӣ дар муддати 2-3 рӯз истифода бурдан лозим аст.

Ба таъсирҳои иловагии аз ҳама вазнини пас аз иммунизатсия бо ваксинаи зидди бемории сил сирояти паҳнёфта бо микобактерияҳои штамми ваксинӣ, ки дар заминаи бемории гранулематозӣ ё дигар вайроншавиҳои масунияти ҳуҷайравӣ инкишоф ёфтааст, мансуб мебошад. Муолиҷаро одатан дар шароити бемористонии махсусгардонидашуда мегузаронанд, дар ин маврид якчанд доруҳои зиддисилӣ таъин менамоянд (изониазид ва пиразинамид ё тизамид) бо вояи 20-25 мг/кг дар як шабонарӯз, дар муддати на камтар аз 2-3 моҳ.

Аз ҳама таъсирҳои иловагии маъмул дар мавриди иммунизатсия тавассути ваксинаи зидди бемории сил лимфадинити фасодӣ мебошад, ки тибқи маълумотҳои адабиётҳо дар 0,01% кӯдакони иммунизатсияшудаи то синни 2-солагӣ ба назар мерасад. Дар ин маврид ғадуди беморшударо сӯзанхалӣ намуда, ба он маҳлули 5% салюзидро бо вояи синнусолӣ ворид месозанд. Чунин муолиҷа дар мавриди думмалҳои сард низ нишон дода шудааст, ки аз боиси вайрон намудани техникаи воридсозии дохилипӯстии ваксинаи зидди бемории сил инкишоф ёфтааст. Муолиҷаи зиддисилиро вобаста ба паҳнёбии бемории гуруҳи ғадудҳои лимфавӣ ва марҳилаи раванди илтиҳобӣ таъин менамоянд. Дар мавриди бемории як гурӯҳи ғадудҳо (мисол, зерибағалиҳо) дар марҳилаи инфилтратсия изониазидро бо усули даҳонӣ, аз ҳисоби 10-15 мг/кг дар як шабонарӯз таъин менамоянд ва ба сифати муолиҷаи ҷузъӣ аппликатсияҳои маҳлули обии рифампитсинро бо димексид истифода мебаранд.

Муолиҷаи таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия, ки баъди истифодабарии ваксинаҳои пешгирикунанда инкишоф ёфтаанд, аз рӯи принсипи алоимӣ мегузаронанд. Ҳолатҳои таъҷилӣ расонидани ёрии бетаъхири тиббиро дар Маркази саломатӣ, дигар муассисаи тиббӣ, ё дар шароити беморхонавӣ тақозо менамоянд.

Пайдошавии энсефалити баъди иммунизатсия муолиҷаи офиятиро, вобаста ба хусусияти падидаҳои боқимонда тақозо менамоянд.

Пайдошавии таъсирҳои иловагии коллапсӣ, ки ҳангоми он ташаннуҷи хунрагҳои канорӣ ҷой доранд, таъин намудани доругиҳои рагвасеъкунанда ва ташаннуҷпасткунанда: папаверин, эуфиллин, ҷавҳари никотинӣ, ношпа (0,2 мл ба 1 соли ҳаёт дохилимушакӣ) ва молидани спирти 50% ё сиркоро (1 қошуқи ошӣ ба 1 истакон об) ба пӯсти бадан тақозо менамояд.

Дар мавриди нооромии ҳаракатӣ, рагкашӣ, гирякунии (додзании) дилшикофи беист седуксен бо усули даҳонӣ 1,25-5мг (1/4 кулчадору рӯзе 2-3 маротиба) ба кӯдакони аз 6 моҳа то 2-сола; 2,5-7,5 мг (1/2 кулчадору рӯзе 2-3 маротиба) ба кӯдакони аз 2 то 6 сола; 5-15 мг (1 кулчадору рӯзе 2-3 маротиба) ба кӯдакони аз 7 то 14 сола тавсия дода мешавад.

Васоити доругии аз ҳама самараноки алоими рагкашӣ - маҳлули 0,5% седуксен, ки онро дохилимушакӣ ё дохиливаридӣ, дар вояи 0,05 мг/кг якҷоя бо маҳлули 10% глюкоза қатраӣ ё фавраӣ тадриҷан ворид менамоянд, мебошад. Дар мавриди ба самараи хуб ноил гаштан вояи седуксенро паст мекунанд ва сипас ба қабули даҳонӣ мегузаранд. Самараи хуби зиддирагкаширо, воридсозии маҳлули 25% сулфати магний бо вояи 0,2 мл/кг, медиҳад.

Таъсири зиддирагкашӣ, хобовар ва ташаннуҷпасткунандагиро фенобарбитал мерасонад, ки онро ба кӯдакони то 6 моҳа бо вояи яккаратаи 0,005 г шабонарӯзе 1-2 маротиба, аз 6 то 12 моҳа 0,01 г 1-2 маротиба дар 1 шабонарӯз таъин менамоянд.

Муолиҷаи муштараки алоими энсефалитӣ дар баробари муолиҷаи зиддирагкашӣ, дегидрататсия, кортикостероидҳо, васоити доругии қалбӣ-рагӣ ва мубориза алайҳи норасоии нафаскаширо дар бар мегирад. Ба асоси муолиҷаи таъсирҳои иловагии ифодаёфтаи бодигармӣ (таҳсосӣ, аллергӣ) муолиҷаи камҳассоскунанда меистад, ки воридсозиии ғайриҳозимавии давоҳои зиддиҳистаминиро (маҳлули 1% димедрол 0,5 мг/кг, тавегил 0,025 мг/кг, маҳлули 2% супрастин 2-4 мг/кг дар як шабонарӯз, дохилимушакӣ) дар бар мегирад.

Пайдо нашудани самаранокӣ аз таъин намудани давоҳои зиддиҳистаминӣ, барои таъин намудани муолиҷаи кортикостероидӣ нишондод мебошад, ки метавонад вазнинии бемориро кам намояд ё инкишофёбии вокунишҳои вазнини системавиро (гулӯгирифтагӣ (круп), ташаннуҷи бронхҳо, варами Квинке, ташаннуҷи рӯдаҳо ва ғ.) дар соатҳои минбаъда пешгирӣ намояд. Барои ин дохиливаридӣ ё дохилимушакӣ 100-200 мг ҳидрокортизон ё 10-40 мг метилпреднизолон сари ҳар 4-6 соат ворид месозанд. Минбаъд ба сифати муолиҷаи дастгирикунанда бо усули даҳонӣ преднизолон бо вояи 1-2 мг/кг дар як шабонарӯз, дексаметазон 0,15-0,3 мг/кг дар як шабонарӯз таъин менамоянд, бо минбаъда тадриҷан паст намудани воя, то ба қатъ намудани қабули онҳо.

Муоличаи садмаи таҳсосӣ (анафилаксӣ) диққати махсусро талаб менамояд. Аз босуръатӣ ва дурустии ёрии тиббии расонидашуда, ҳангоми садмаи таҳсосӣ метавонад ҳаёти бемор вобаста бошад. Барои ҳамин дар ҳамаи ҳуҷраҳое, ки дар онҳо иммунизатсия гузаронида мешавад, бояд ҷевончаи махсус бо доруворихо ва олотҳои зарурӣ барои расонидани ёрии тиббии таъҷилӣ дар мавриди ин аворизи хавфнок мавҷуд бошад.

Дар мавриди инкишофёбии садма берангии зиёди пӯст, араќи часпаки сард, набзи риштамонанд ба назар мерасад. Норасоии шадиди қалбӣ, бо пастшавии якбораи фишори шараёнӣ инкишоф меёбад, буғишавӣ ва рагкашиҳои ихтилоҷӣ (хафиф, клоникӣ) ба амал меояд.

Нишонаҳои садма баъзан дар лаҳзаи воридсозии аллерген пайдо мешаванд. Аммо дар баъзеи кӯдакон нишонаҳои садма тадриҷан афзоиш меёбанд: аввал ҳисси гармшавӣ, сурхшавии пӯст, садо дар гӯшҳо, сипас хориши чашмон, бинӣ, атсазанӣ, сулфаи азиятдиҳандаи хушк, нафаскашии садодор, дардҳои ғиҷимнок дар шикам. Дар мавриди инкишофёбии садмаи таҳсосии сабабаш чизе ки набошад, бе ёрирасонии муосир кӯдак дар муддати 5-30 дақиқа метавонад ба марг дучор гардад. Ёрии таъҷилиро бетаъхир дар ҳуҷраи иммунизатсия оғоз намудан лозим аст:

1. Ба бемор мавқеи уфуқӣ, бо каме боло бардоштани пойҳо додан лозим аст, онро гарм кунед (бо кампал бипӯшонед, гармкунак бигузоред). Барои пешгирӣ намудани ҳубкашии моддаҳои қайкунӣ сари кӯдакро ба паҳлӯ бигардонед. Ковокии даҳонро аз мухот, анбӯҳи қайкунӣ тоза бисозед ва ҳамчунин ба бемор дастрасии ҳавои тозаро таъмин бисозед.

2. Оҷилан воридсозии ваксинаеро, ки вокунишро ба амал овард, қатъ бисозед. Барои он ки ҷаббидашавии онро кам намуд, ҷойи тазриқро гирдогирд бо маҳлули адреналини 0,1% (0,15-0,75 мл) сӯзанхалӣ намудан лозим аст. Болотар аз ҷойи тазриқ тобидаи резинӣ гузоштан лозим аст (бо мақсади кам намудани ҷаббидашавии подзои (антигени) ваксинӣ.

*Вояи адреналин.* Вояи тавсияшавандаи адреналин – 0,01 мг/кг вазни бадан. Адреналини 1:1000 дар 1 мл 1 мг адреналин дорад.

То 1 сола – 0,05 - 0,1 мл

1-2 сола (тақрибан вазнашон 10 кг) – 0,1 мл

2-3 сола (тақрибан вазнашон 15 кг) – 0,15 мл

4-6 сола (тақрибан вазнашон 20 кг) – 0,2 мл

7-10 сола (тақрибан вазнашон 40 кг) – 0,3 мл

11-12 сола (тақрибан вазнашон 40 кг) – 0,4 мл

12 сола ва калонтар – 0,4 – 1,0 мл (1,0 мл вояи калонтарин (максималӣ)).

3. Дар давоми ҳар 2-3 дақиқа фишори шараёниро, санҷидан лозим аст. Дар вақти санҷидани фишори шараёнӣ, муолиҷаи гузаронидашуда ва самаранокии онро сабт намудан лозим аст. Барои баланд намудани

фишори шараёнӣ ва қатъ намудани таъсири моддаҳои фаъоли биологӣ, ба сифати моддаи муқобил оҷилан адреналинро ворид намудан зарур аст – бо усули зерипӯстӣ ё дохилимушакӣ 0,1-0,2 мл сари ҳар як 2-3 дақиқа, то ба даст овардани самараи клиникӣ.

4. Барои аз ҳолати садмаи клиникӣ баровардан, тазриқи доругиҳои кортикостероидӣ зарур аст: преднизолон 1-2 мг/кг ё ҳидрокортизон 5-10 мг/кг; ба кӯдаки ҳолаташ ниҳоят вазнин 2-3 вояҳои яккаратаи кортикостероидҳоро ворид намудан лозим аст.

5. Ба сифати муолиҷаи камҳассоскунанда давоҳои зиддиҳистаминиро (димедрол, супрастин, тавегил), вобаста ба синн аз 0,25 то 1 мл, аммо танҳо ҳангоми мутамоилии аниқи ба эътидол омадани фишори шараёнӣ, ки онро баъзан паст мекунанд, ворид менамоянд. Ин давоҳо бетаъхир таъсир наменамоянд ва ҳаёти кӯдакро наҷот намебахшанд. Супрастинро ба кӯдаконе, ки ба эуфиллин баландҳассосӣ доранд, тазриқ намудан мумкин нест.

Дар мавриди ташаннуҷи якбораи бронхҳо ва душворшавии нафаскашӣ, илова ба адреналин маҳлули 12-24% эуфиллинро бо усули дохилимушакӣ бо вояи 6-10 мг моддаи тоза ба 1 кг вазни бадан, якҷоя бо 5-10 мл маҳлули изотонӣ ворид менамоянд. Самаранокии фармакологӣ зудтар ба даст меояд агар маҳлули 2,4% онро тадриҷан бо усули дохиливаридӣ ба миқдори эквивалентӣ ворид намоянд. Дар мавриди инкишофёбии норасоии қалбӣ гликозидҳои қалбӣ нишон дода шудаанд: маҳлули 0,05% строфантин ё коргликони 0,06%, дар вояҳои яккарата аз 0,15 то 0,5 мл якҷоя бо 10 мл маҳлули изотонии хлориди натрий, бо усули қатрагии дохиливаридӣ ё фавравии тадриҷӣ.

Баъди расонидани ёрии таъҷилӣ, беморро ҳатман ба шӯъбаи муолиҷаи вусъатнок ва эҳёгарӣ бистарӣ намудан лозим аст.

Ҳамин тавр ташхиси тафриқавӣ ва муолиҷаи таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия масъалаи мураккаб мебошад. Вобаста ба ҳамин дар кори амалӣ ба чорабиниҳои пешгирикунанда, ки инкишофёбии касолати баъдиэмкунониро пешгирӣ менамоянд, аҳамияти махсус додан лозим аст.

## Пешгирии таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия

Барои пешгирӣ намудани таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия дар дастуруламалҳои мавҷуда, нисбати вояҳо, ҷадвалҳо ва зиднишондодҳо барои воридсозии ваксинаҳо тавсияҳои аниқ дода шудааст. Аз боиси мутаассиркунандагии ками ваксинаҳои муосир, зиднишондодҳо ба ворид намудани онҳо дар солҳои охир аз нав дида баромада шудаанд.

Дар соли 1986 дар конфронси Аврупоӣ оид ба барномаи васеъкардашудаи иммунизатсия ба ҳамаи мамлакатҳо тавсияҳо дода шуд,

ки зиднишондодҳоро ба иммунизатсия ҳаддалимкон кам кардан лозим аст ва зиднишондодҳои бардурӯғ ба гузаронидани иммунизатсияи пешгирикунандаи бемориҳо номбар карда шудаанд.

Айни ҳол дар ҷаҳон зиднишондодҳои мутлақ ба иммунизатсия ниҳоят кам карда шудаанд. Дар давраи бемории сироятии шадид иммунизатсия гузаронида намешавад. Зиднишондод барои воридсозии ваксинаҳои зинда норасоии аввалиндараҷаи масуният мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ №643 аз 7 августи соли 2014 “Дар бораи такмилдиҳии системаи пешгирии бемориҳои сироятии бо ваксина идорашаванда” номгӯи зиднишондодҳо барои гузаронидани иммунизатсия муайян карда шудааст.

**Амалияи стандартии иммунизатсия**

1. Арзёбӣ намудани вазъи саломатии кӯдак, бо мақсади бехатарӣ ҳангоми гузаронидани ваксина аз рӯи дастур.
2. Тафтиш намудани тайёрӣ ва мавҷуд будани маводҳои зарурӣ, барои расонидани ёрии аввалин ҳангоми сарзании таъсирҳои иловагии пас аз иммунизатсия.
3. Санҷидани зиднишондодҳо барои иммунизатсия.
4. Санҷидани сифати ваксина, дар хусуси мавҷуд будани аломатҳои возеҳи корношоямии он (гузаштани мӯҳлати истифодабарӣ, тирашавӣ, тағйирёбии ранг ва ғ.) то гузаронидани он.
5. Муоина кардани ҷойи гузаронидани ваксина.
6. Пешниҳод кардани маълумот дар бораи моҳияти гузаронидани иммунизатсия ва хатари рад кардани он.
7. Гузарондани ваксина, бо истифода аз техникаи дурусти он.
8. Баъд аз гузарондани ваксина ба волидайн пешниҳод кардани маълумот дар бораи чорабиниҳое, ки ҳангоми сар задани таъсирҳои иловагӣ онҳо бояд гузаронанд.
9. Ҳуҷҷатнигорӣ кардани иммунизатсияи гузаронидашуда.

**Беҳдошт**

Чорабиниҳои пешгирии сироятёбӣ бояд ҳамеша иҷро карда шаванд.

• Пеш аз гузарондани ваксина тоза шустани дастон ҳатмӣ аст. Тибқи тавсияҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ва фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти гузаронидани иммунизатсия истифодаи дастпӯшак ҳатмӣ нест (агар ягон захм ё ҷароҳат дар дастон набошад).

• Барои ҳар як кӯдак сӯзандоруи алоҳидаи яккаратаро истифода бурдан лозим аст.

• Сӯзанҳо ва сӯзандоруҳои яккаратаро, баъди истифодабарӣ дар контейнерҳои муқарраркардашудаи мустаҳкам ва сарбаста партофтан лозим аст, то ин ки такроран истифода бурда нашаванд. Пас аз пуршавии қуттиҳои бехатарӣ ба андозаи ¾ ҳисса, онҳоро дар ҷойи муайян (инсиниратор, печҳои махсус) сӯзонида, боқимондаҳои онро дар чуқурии 1,5 – 2 метр гӯр кардан лозим аст.

**Занҷири сардӣ.** Мафҳуми занҷири сардӣ маънои интиқол ва нигоҳдории ваксинаҳоро дар ҳарорати бехатар $+2^0 – +8^0$ дорад.

**Ваксинаҳо** – ин моддаҳои ҳассоси биологӣ мебошанд, ки бояд дар ҳарорати +2 – $+8^0$ барои таъмини таъсирбахшии онҳо нигоҳдорӣ карда шаванд.

Таъсирбахшии ваксинаҳо дар ҳолатҳои зерин кам ё тамоман нест мешавад:

- ҳангоми баланд будани ҳарорати нигоҳдорӣ;
- ҳангоми яхкунонӣ;
- аз таъсири рӯшноӣ;

Гум шудани таъсирбахшии ваксинаҳо раванди ислоҳнашаванда аст. Пас риояи ҷиддии шароити нигоҳдории онҳо бисёр муҳим аст.

**Иммунизатсия** бо ваксинаи зидди сурхча ва сурхакон ҳам барои писарҳо ва ҳам барои духтарҳо дар 12 моҳагӣ ва баъд дар 6 ва 16 солагӣ тавсия дода мешавад, агар зиднишондодҳо мавҷуд набошанд.

Ваксинаро ҳатто ҳангоми дар кӯдак мавҷуд будани сирояти сурхакон, ва сурхча дар анамнез, ё агар иммунизатсия шуда бошанд ҳам гузаронидан лозим аст. Таъсири манфӣ ҳангоми иммунизатсия аз ин ваксинаҳо дар кӯдакон мушоҳида намешавад.

*Огоҳӣ.* Ҳангоми дар давраи ҳомилашавӣ ба бемории сурхакон гирифтор шудани занон, дар 90% - и ҳолатҳо вирус дар кӯдаки таваллуднашуда нобиноӣ, карӣ, нуқсонҳои модарзодии дил ва ё камақлиро ба вуҷуд меорад. Дар занони ҳомила бар зидди сурхча ва гулафшон иммунизатсия гузаронида намешавад. Зани иммунизатсияшуда танҳо пас аз 2 моҳ метавонад ҳомила шавад.

**Назорат пас аз иммунизатсия.** Кӯдакони ваксина гузаронидашуда бояд як вақти муайян зери назорат қарор бигиранд. Онҳо бояд дар ҳуҷраи иммунизатсия то 15-20 дақиқа бимонанд. Таъсирҳои иловагии нисбатан ҷиддӣ ва барои ҳаёт хатарнок мумкин аст дар 10 дақиқаи аввали пас аз иммунизатсия пайдо шаванд. Таъсири иловагии нисбатан муҳим пас аз иммунизатсия дар кӯдакон ва навзодон садмаи таҳсосӣ мебошад. Дар кӯдакони синну солашон калонтар таъсири иловагии нисбатан маъмули беҳушшавӣ, фавран пас аз гузарондани ваксина ва ё баъди чанд лаҳза бештар вомехӯрад.